# Семинари омӯзишӣ дар шаҳрҳои Бохтар ва Кӯлоби вилояти Хатлон гузаронида шуд

Submitted by Ҳайати тадорукот on 11 December, 2018 - 14:25

[1]

Рӯзҳои 27 ва 28-уми ноябри соли 2018 Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо намояндагони САҲШ, котибони ҷамоатҳо, шуъбаҳои шиносномадиҳӣ ва идораҳои нотариалӣ оид ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва риояи дурусти тарғибу ташвиқи талаботҳои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ» дар шаҳрҳои Бохтар ва Кӯлоби вилояти Хатлон семинари омӯзишӣ гузаронида шуд.

Рӯзи 27-ум дар шаҳри Бохтар намояндагони САҲШ, котибони ҷамоатҳо, шуъбаҳои шиносномадиҳӣ ва идораҳои нотариалии шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Шаҳритус, Дӯстӣ, Панҷ, Қубодиён, Носири Хусрав, Ҷайҳун, Леваканд, Ҷалолиддин Балхӣ, Кӯшониён, Вахш, Ёвон, Хуросон ва Абдураҳмони Ҷомӣ ҳузур доштанд.

Рӯзи 28-ум дар шаҳри Кӯлоб намояндагони САҲШ, котибони ҷамоатҳо, шуъбаҳои шиносномадиҳӣ ва идораҳои нотариалии шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Шамсиддини Шоҳин, Ховалинг, Фархор, Темурмалик, Норак, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Восеъ, Данғара, Балҷувон ва Муъминобод ҳузур доштанд.

Баҳри риояи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ҳангоми бақайдгирӣ ва номгузории кӯдакон, тартиби номгузорӣ тибқи “Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ” ва Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, роҳҳои дуруст ва ҳуқуқии ивази ному насаби миллии тоҷикӣ дар ҳуҷҷатгузорӣ чунин яккатори таклифҳо аз ҷониби иштирокдорон пешниҳод гардид.

**Content rating:** 5

Average: 5 (2 votes)

Rate

## Category:

- Гузоришҳо [2]
- Барномаҳо [3]
- Ахбори рӯз [4]
- Забони тоҷикӣ [5]
- Забони русӣ [6]
- Ҳисоботҳо [7]

- 

- 

- 

**Source URL:**https://www.istilohot.tj/en/content/seminari-omuzishi-dar-shakhrkhoi-bohtar-va-kulobi-viloyati-hatlon-guzaronida-shud

**Links**
[1] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/field/image/1.jpg [2] https://www.istilohot.tj/en/taxonomy/term/28 [3] https://www.istilohot.tj/en/taxonomy/term/21 [4] https://www.istilohot.tj/en/taxonomy/term/10 [5] https://www.istilohot.tj/en/taxonomy/term/38 [6] https://www.istilohot.tj/en/taxonomy/term/49 [7] https://www.istilohot.tj/en/taxonomy/term/27 [8] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/1_0.jpg [9] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/2_0.jpg [10] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/3_1.jpg [11] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/4_0.jpg